ТАҚРИЗ

ба автореферати номзадии Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар мисоли ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

Таҳаввули симои зан-модар дар адабиёти замони истиқлол яке аз мавзуъҳои муҳимми адабиёти муосири тоҷик ба шумор рафта, таҳлили рисола дар мавзуи “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар мисоли ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)” нишон медиҳад, ки чӣ гуна арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар шеъри муосир инъикос меёбанд.

Таҳлили адабӣ дар мисоли ашъори се шоири барҷастаи замони истиқлол – Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим, ки дар асарҳои худ таваҷҷуҳи зиёд ба симои зан-модар доранд, ба маврид интихоб гардидааст.

Таҳқиқи масъалаи ашъори шоирон дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ аз масъалаҳоест, аз ҷониби аҳли илм тадқиқотҳои гуногуни судманд анҷом меёбанд, ки ҳар яке аз онҳо дар таҳқиқу баррасии мушкилиҳои илми адабиётшиносии тоҷик мавқеи хосса доранд.

Дар ин росто, кори таҳқиқотии муҳаққиқ Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар мисоли ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)” аз он ҷиҳат аҳамияти хосса дорад, ки симои зан-модар на танҳо ҳамчун шахсияти алоҳида, балки ҳамчӯн рамзи муқаддасот, меҳр ва худогоҳӣ таҳқиқ гардидааст.

Аз маълумоти дар автореферат дарҷшуда маълум гардид, ки диссертатсияи М.Р. Раҳимӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Ба ин тартиб, банду баст ва таркиби рисола барои таҳқиқи муфассал ва амиқи илмии мавзуъ мусоидат намуда, имкон додааст, ки муаллифи рисола дар ҳар боби

алоҳида ва дар охир ба таври ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим ва қобили эътимод бирасад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки кори илмии пешниҳодшуда на танҳо ба таҳлили тасвири зан-модар маҳдуд аст, балки равандҳои эҷодии замони истиқлолро низ фаро мегирад. Муаллиф тавонистааст, ки хусусиятҳои навоварӣ ва образофариниро дар ашъори се шоири барҷаста ошкор кунад; образи зан-модарро аз дидгоҳи бадеӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихшиносӣ баррасӣ намояд; диққати худро на танҳо ба матни шеърҳо, балки ба заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии эҷоди онҳо равона намояд; аҳамияти тасвири зан-модарро ҳамчун образи марказӣ дар шеъри замони истиқлол нишон диҳад ва муайян намояд, ки аз як тараф, ин симо ҳамчун рамзи анъана ва маънавияти миллӣ арзёбӣ шуда бошад, аз тарафи дигар, ба он унсурҳои нави замони истиқлол ворид гардидаанд; дар асарҳои адибон образи зан-модарро дар заминаҳои гуногун таҳлили муқоисавӣ намуда, нишон додааст, ки ҳар шоир бо услуби хоси худ ба ин образ рӯ овардааст.

Яке аз ҷиҳатҳои дигари муҳимми ин таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар баробари осори адибон сарчашмаҳои муқоисавиро ҷамъоварӣ намуда, хулосаи таҳқиқгарони пешинро бознигарӣ кунад ва бо далелҳои илмӣ масъалаи ашъори мавриди назарро таҳқиқ намояд. Ин равиш дар илми адабиётшиносӣ хеле арзишманд аст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти сомондодаи хеш дар интиҳои диссертатсия ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқ гардидааст. Ҳамин тариқ, аз назари доираи тадқиқ, тозакорию навоварӣ, методи таҳлил, арзиши илмӣ диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим кори илмӣ-тадқиқотии анҷомёфта мебошад ва метавон гуфт, ки саҳми муҳаққиқ дар шинохти таҳаввули тасвири зан-модар дар шеъри Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ, Озар Салим ва таҳлили ғоявии ашъори онҳо ва арзёбии мақоми адибон дар адабиёти муосир назаррас мебошад.

Рисолаи илмии Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар мисоли ашъори Раҳмат

Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)" тадқиқоти пурраи анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ аст.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии
давлатииназди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент Додихудоев Р.М.

Сана: 02.01.2025
ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, куч. Рустам Амакӣ-2
bestmuslim@mail.ru (+992) 107000104

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

Суроға: шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33.
Телефон: (372) 24 8945
Сана: 02.01.2025